# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 10 октябри соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи “Салафия: назария ва амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ (роҳбари илмӣ —доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ **Аҳмадов Саид**), тақризи мусбати муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ.Ҷ, доктори илмҳои фалсафа Раҳимов М.Ҳ, доктори илмҳои фалсафа Карамхудоев Ш.Х инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З, доктори илмҳои фалсафа Диноршоева З.М ва доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Нурулҳақ Қамар, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи “Салафия: назария ва амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;

2. Маводи чопнамудаи маллиф пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Нурулҳақ Қамар бо дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.14– Фалсафаи дин ва диншиносӣ сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Нурҳақ Қамар бо дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 15 нафар, Зид – нест, бетараф – нест. Қарор қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои Шуроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯем. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа., профессор Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.

10 октябри соли 2024